*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

ХАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН · НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 42 (638),
30 октябри
соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# ИФТИТОҲИ ВАРЗИШГОҲИ МАРКАЗИИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ



**22 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон варзишгоҳи марказии ноҳияи Восеъро бо 21 ҳазор ҷойи нишаст мавриди истифода қарор доданд.**

Иншоот барои тамрин ва бозии дастаҳои футболи ноҳия, баргузории мусобиқаҳо, тарғиби варзиш ва ҷалби ҷавонону наврасон ба футбол аз ҷониби "Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст.

Корҳои сохтмонӣ ҳанӯз соли 2017 оғоз гардида, бо харҷи наздики 69 млн. сомонӣ ба итмом расид.

Дарозию паҳноии майдони футбол 105 ба 68 метр буда, дорои чамани табиист. Ин имкон медиҳад, ки бозингарон дар майдони ба талаботи мусобиқаҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бозӣ ва тамрин намоянд. Атрофи чаман, ки бо роҳрави резинӣ барои дав иҳота гардидааст, барои машқ ва қабули мусобиқаҳои риштаи варзиши сабук пешбинӣ мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити варзишгоҳ бо ҳайати дастаи футболи "Хулбук", ки ноҳияи Восеъро дар Чемпионати Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ намояндагӣ менамоянд, суҳбат карда, онҳоро ба дӯст доштани варзиш, рушд додани малакаи касбӣ ва муаррифии арзандаи Ватану миллат ҳидоят намуданд.

Варзишгоҳ дорои 4 минбар барои мухлисон ва 21 ҳазор ҷойи нишаст мебошад.

Бинои варзишгоҳ аз се ошёна, аз ҷумла аз ҳуҷраҳои корӣ, ивази либос, ҳамому дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад. Инчунин дар он толорҳои варзишӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири варзишӣ, ҷой барои меҳмонони фахрӣ, маҷлисгоҳ бо 40 ҷойи нишаст ва пешайвон омода гардидааст, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад.

Барои таъмини рӯшноӣ дар майдони футбол 4 манораи калони муосири равшанидиҳанда насб гардидааст. Ин имкон медиҳад, шабона ҳам мусобиқаҳо гузаронда шаванд.

Дар ҳудуди иншоот ду майдонча барои футболи хурд, волейбол ва баскетбол, таваққуфгоҳ барои мошинҳо, зеристгоҳи барқӣ, чоҳи амудӣ барои бо об таъмин кардани варзишгоҳ ва дигар иншооти ёрирасон бунёд шудааст.

Ба истифода додани чунин иншооти муосир дар ноҳия барои рушди варзиш ва ташкили чорабиниҳои мухталифи солимгардонӣ имкониятҳои лозимаро фароҳам меорад.

Ба истифода додани Варзишгоҳи марказии ноҳияи Восеъ нишона аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳоло дар доираи Барномаи давлатии рушди футболи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар вилояти Хатлон сохтмони 130 иншооти дигар идома дорад, ки барои амалисозии ҳадафҳои ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон доир ба тарғиби футбол замина мегузорад.

**www.prezident.tj**



ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТАШХИСИИ ТИББИ... - саҳ. 2



БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАҶМААИ... - саҳ. 4



БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ НАВИ... - саҳ. 5



ИФТИТОҲИ КИТОБХОНА ДАР ДЕҲАИ... - саҳ.7

# ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТАШХИСИИ ТИББИ ҲУЛБУК ВА МУАРРИФИИ ЛОИҲАИ БУНЁДИ МАҶМААИ ТАНДУРУСТӢ-ТАБОБАТӢ ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ



**22 октябр дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Восеъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Маркази ташхисии Тибби Ҳулбукро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти нав бо тарҳи муосир бунёд ёфта, аз ҳашт ошёна иборат аст. Маркази ташхисии Тибби Ҳулбук дар ошёнаи якум ва таҳхона ҷойгир шуда, бо таҷҳизоти навтарин таъмин ва шароити мувофиқ барои ташхис ва табобати беморон фароҳам оварда шудааст. Ошёнаи якум дорои 9 ҳуҷра буда, дар даромадгоҳ дорухона, гӯшаи гиёҳдармонӣ ва ҳуҷраҳо барои мутахассисони амрози даруна, асабшинос, табиби гӯшу гулӯ ва бинӣ, табиби амрози занона ва қалбшинос ҷой дода шудааст. Иловатан ҳуҷраҳои озмоишӣ ва фаросавтӣ занон фаъолият мекунанд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар таҳхонаи Марказ барои ташхиси беморон дастгоҳҳои муосири тиббӣ насб карда шудааст. Дастгоҳҳои ташхиси магнитию резонансӣ, томографияи компютерӣ, рентгени рақамӣ, рентгени скопӣ, рентгени дандон ва фаросавтӣ, аз зумраи таҷҳизотест, ки дар ҳамин қисмати Маркази ташхисии Тибби Ҳулбук ҷойгир карда шудааст. Ҳамчунин, дар таҳхона ҳуҷраҳои табобати физиотерапевтӣ бо дастгоҳ ва таҷҳизоти муосир муҷҳаҳаз аст.

Зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёгардида Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ифтитоҳи чунин иншооти муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалиро ба истиқболи сазовори ҷашни бузургу пуршукӯҳи миллӣ – 35 солагии Истиқлоли давлатӣ иқдоми шоиста ва намунаи ибрат арзёбӣ намуданд.

Маркази ташхисии Тибби Ҳулбук дар заминаи дастуру ҳидоятҳои бевоситаи роҳбарияти олии давлат аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Раҷабалӣ Мирзоалиев бо харҷи 20 миллион сомонӣ ва бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияи Восеъ бунёд гардидааст.

Дар Маркази нави ташхисӣ 40 мутахассиси дорои таҷрибаи баланди касбӣ фаъолият мекунанд, ки аксари онҳо аз ҳисоби занону духтарони маҳаллӣ мебошанд.

Табибони марказ аз дастгирии ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки чунин марказҳои муосир имконият медиҳанд сатҳи касбӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар гардад.

Сокинони ноҳия изҳори хушнудӣ карданд, ки ифтитоҳи чунин марказ ба беҳбудии зиндагии мардум мусоидат карда, дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ хеле осон хоҳад шуд.

Гирду атрофи муассисаи нави тиббӣ бо гулҳои рангоранг оро дода шуда, роҳраву гузаргоҳҳо сафолакпӯш гардидааст.

Ҳамзамон, дар ҳамин мавзеъ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди Маҷмааи нави тандурустӣ-табобатӣ шинос шуданд ва барои бунёди он санги асос гузоштанд.

Бино аз 6 ошёна иборат буда, тибқи нақша дорои 60 кати хоб ва 45 ҷойи нави корӣ мебошад.

Маҷмаа аз шуъбаҳои ҷарроҳӣ, бемориҳои дил, урологӣ, бемориҳои занона, маркази ташхис ва ёрии таъҷилӣ иборат хоҳад буд.

Татбиқи ин лоиҳа, ба беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам омадани шароити арзандаи нигоҳдории саломатии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

Пешвои миллат зимни шиносоӣ бо имкониятҳои марказ ва нақшаи бунёди маҷмааи нави тиббӣ, ба масъулон дастур доданд, ки ба масъалаи омодагии кадрҳои баландихтисос, сатҳи хизматрасонӣ ва истифодаи дурусти таҷҳизоти муосир диққати махсус диҳанд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ КАСБОМӮЗӢ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ВА МУАРРИФИИ ЛОИҲАИ БУНЁДИ БИНОИ ЧОРОШЁНАИ ШУЪБАИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ

**Дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Восеъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасониро ифтитоҳ намуданд.**

Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеъ тибқи талаботи Созишномаи грантӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд вобаста ба лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бакортаъминшавӣ» таъсис дода шудааст.

Бинои асосии Марказ аз чор ошёна иборат буда, бо тарҳи замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои сохтмонии имрӯза бунёд ёфтааст ва дорои утоқҳои васеъ, синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо компютерҳо, таҷҳизоти таълимӣ ва устохонаҳои амалӣ мебошад. Дар марказ имконият фароҳам оварда шудааст, ки ҷавонон, занону духтарон ва шахсони бекор дар самтҳои гуногун омӯзиш дида, соҳиби ихтисоси муайян гарданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар Марказ аз рӯи 5 ихтисос: барққор, васлгари таҷҳизоти барқии офтобӣ, челонгари техникаи санитарӣ, андовагар ва кафшергари газию барқӣ мутахассисон омода карда мешавад. Иқтидори имконпазири Марказ барои дар ду баст ба таълим фаро гирифтани 150 ҳунаромӯз мебошад.



Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар масоҳати 25 садяк замин бунёд гардидааст. Корҳои сохтмонӣ аз 22 ноябри соли 2022 оғоз ёфта, дар муҳлати кӯтоҳ бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ ба анҷом расидааст.

Марказ бо буғхона, обу корез ва манораи об бо зарфи ғунҷоиши 25 тонна таъмин аст. Ҳамчунин, бо хатти доимии барқ пайваст буда, илова бар ин тариқи панелҳои офтобӣ низ муассиса бо барқи доимӣ таъмин мебошад.

Зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёгардида Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба масъулин барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дастуру тавсияҳои судманд доданд.

Бо ба фаъолият оғоз кардани Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ, даҳҳо сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шуданд. Омӯзгорон ва мутахассисони соҳибтаҷриба дарсҳои назариявию амалӣ мегузаронанд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҷавонон ва рушди соҳибкорӣ дар ноҳия мусоидат хоҳад кард.

Ҳадафи таъсиси чунин марказҳо, ки бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардонида мешаванд, аз он иборат аст, ки шаҳрвандон, махсусан ҷавонону занон, касбу ҳунар омӯзанд, фаъолона дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа иштирок намоянд ва ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии худ саҳм гузоранд.

Ҳамчунин, дар ҳудуди Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ

*(Идома дар саҳ. 3)*

*(Идома аз саҳ. 2)*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди бинои чорошёнаи шуъбаи маорифи ноҳия шинос шуданд. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида, сохтмони иншоот дар масоҳати муайян бо истифода аз масолеҳи босифати маҳаллӣ ва бо риояи меъёрҳои муосири меъморӣ амалӣ мегардад.

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки бинои нав аз 4 ошёна иборат буда, барои фаъолияти муназзам ва самараноки кормандони шуъбаи маориф пешбинӣ шудааст. Дар он ҳуҷраҳои корӣ, толори маҷлис, китобхона, маркази иттилоотӣ ва дигар иншооти ёрирасон ҷой дода мешаванд. Пас аз ба истифода дода шудани иншоот, шароити кори кормандон беҳтар гардида, имкониятҳои нав барои татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф фароҳам меояд.

Ифтитоҳи чунин иншооти замонавӣ гувоҳи таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, омӯзиш ва хизматрасонии босифат ба аҳолӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар ин ҷо боз лоиҳаи биноҳои бисёрошёнаи истиқоматӣ бо ҷойгиршавии марказҳои хизматрасонӣ ва савдо ва муассисаи таҳсилоти томактабӣ муаррифӣ гардид.

Биноҳои истиқоматӣ аз 9 ошёна иборат буда, бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ сохта мешаванд. Дар ошёнаи якум ва дуюм марказҳои савдо ва хизматрасонӣ ҷойгир карда шудааст.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабӣ аз се ошёна иборат буда, бо тарҳи муосир ва мувофиқи завқи кӯдакон сохта мешавад.

Он барои фаро гирифтани 200 тарбиягиранда пешбинӣ шудааст.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки аз соли 2024 то имрӯз 6 маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бунёд гардидаанд, ки иқтидори ба касбомӯзӣ фаро гирифтани то ҳашт ҳазор нафарро доранд. То ба имрӯз 3200 касбомӯз соҳиби сертификат шуда, зиёда аз се ҳазори дигар барои ба шуғл фаро гирифтан номнавис шудаанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ва кормандони соҳаи маориф дастур доданд, ки бунёди чунин муассисаҳои таҳсилоти томактабиро дар дигар деҳаҳои дурдаст низ идома дода, барои тарбияи насли ояндасоз дар шароити муносиб ва рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ ФОСИЛАВИИ 2 МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ, 1 КӮДАКИСТОН, МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНӢ, ЗАБОНОМӮЗӢ, ТОЛОРИ ВАРЗИШӢ ВА КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ХИШТИ ҶДММ ХИШТИ ҲУЛБУК ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ

**22 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи як қатор иншооти таъйиноти гуногун дар ноҳияи Восеъ, ба фаъолияти Марказҳои хизматрасонӣ, забономӯзӣ, толори варзиш, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, томактабӣ ва корхонаи саноатӣ ба таври фосилавӣ оғоз бахшида, барои бунёди дигар иншоот санги асос гузоштанд.**



Бинои иловагии таълимӣ дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 дар деҳаи Файзобод, ки фаъолияти он аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фосилавӣ оғоз гардид, аз 17 синфхонаи муҷаҳҳаз ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст.

Иншоот барои ба таҳсил фаро гирифтани 640 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Раванди таҳсил аз ҷониби 53 омӯзгори соҳибтахассус дар шароити сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст.

Иншооти дигари соҳаи маориф – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 мебошад, ки дар деҳаи Селбур сохта шудааст. Тарҳи иншоот муосир буда, дар 17 синфхонаи барҳаво имкони ба таҳсил фаро гирифтани 640 хонанда дар ду баст мавҷуд аст.

Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии Афсона, ки ба фаъолияти он оғоз бахшида шуд, дар деҳаи Восеъобод ҷойгир аст.

Кӯдакистон дар асоси дастуру супоришҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси бунёду барқарорсозии муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Сабур Зуҳуров таҷдид карда шудааст. Шароити таълиму тарбия дар боғча мутобиқ ба талаботи муосир роҳандозӣ шуда, барои қабули 300 нафар тарбиятгиранда пешбинӣ шудааст.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ ба шароити фароҳамшуда дар муассиса баҳои баланд дода, ба масъулин барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таълиму тарбияи кӯдакон ва дар замири онҳо бедор сохтани ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ ва арҷ гузоштан ба расму оинҳои мардумӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

Бунёди 3 иншооти соҳаи маориф ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва барои дар шароити хуб ба таҳсил фаро гирифтани 1580 хонанда дар ду баст мусоидат менамояд.

Дар деҳаи Кадучии деҳоти Бобошоҳиёни ноҳия Маркази хизматрасонӣ, забономӯзӣ ва толори варзишӣ тариқи фосилавӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Иншоот аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Саид Мирзомуродов бунёд шуда, аз ду ошёна ва таҳхона иборат мебошад.

Дар Маркази хизматрасонӣ, забономӯзӣ ва толори варзишӣ барои 70 кас ҷои кор муҳайё шуд, ки онҳо метавонанд бо истифода аз шароит ва имконоти мавҷуда фаъолияти худро рушд диҳанд.

Дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ба фаъолияти Корхонаи истеҳсоли хишти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Хишти Ҳулбук оғоз бахшиданд. Корхона дар деҳаи Навбаҳори деҳоти Тугарак сохта шудааст.

Масоҳати умумии корхона 10 гектар буда, дар он 50 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардиданд.

Бунёди иншооти мазкур дар ноҳияи Восеъ ба рушди таҳсилот, саноат, варзиш, хизматрасонӣ ва дар маҷмӯъ ба беҳбудии рӯзгори сокинони ноҳия заминаи воқеӣ фароҳам меоваранд.

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нақшаи шабакаҳои корезии шаҳраки Ҳулбуки ноҳияи Восеъ шинос шуданд. Лоиҳа бо мақсади тозакунии обҳои истифодашуда дар се марҳила амалӣ гардида, ба 26 ҳазор аҳолӣ хизмат мерасонад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки барои татбиқи лоиҳа аллакай корҳои сохтмонӣ оғоз шудааст.

Масоҳати умумии иншоот зиёда аз 12 гектар буда, дар он чанд марҳилаи тозакунии об пешбинӣ шудааст - аз обсофкунии ибтидоӣ то безараргардонии ниҳоӣ.

Ҳаҷми миёнаи коркарди об дар як шабонарӯз 7 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда имконият медиҳад, ки тамоми обҳои партови маҳаллӣ пурра тоза гарданд. Дар доираи лоиҳа бинои маъмурӣ, лабораторияи назорат, майдонҳои техникии таҷҳизот, инчунин минтақаҳои сабз барои беҳсозии муҳит сохта мешаванд.

Ба иттилои мутахассисон, татбиқи ин лоиҳа на танҳо масъалаи оби партовро ҳал мекунад, балки дар ҳифзи обҳои рӯизаминӣ ва таҳшин нақши муҳим хоҳад дошт.

Иншооти нави поксозии оби партов як қадами ҷиддӣ дар самти татбиқи барномаҳои давлатии ҳифзи муҳити зист ва рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, ба беҳтар гардидани сатҳи санитарӣ ва ҳифзи муҳити зист мусоидат хоҳад кард.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ ДӮЗАНДАГӢ ВА МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ ДУРДОНАИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ

**22 октябр дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Восеъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Селбури деҳоти Миралиобод корхонаи дӯзандагӣ ва маркази хизматрасонии Дурдонаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Иншооти навбунёд дар доираи дастуру супоришҳои бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Давлатшоҳ Қаҳҳоров бо маблағи 3 миллиону 350 ҳазор сомонӣ бунёд ёфт.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур соли 2023 оғоз ёфта, дар муҳлати пешбинигардида бо сифати баланд ба анҷом расид. Дар рафти корҳои сохтмонӣ беш аз 30 коргари маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд.

Иншооти навбунёд аз ду ошёна, бинои ёрирасон, намоишгоҳи махсуси либос, ҳуҷраи корӣ ва маркази хизматрасонии КВД Амонатбонк иборат буда, дар он истеҳсоли либосҳои махсус, мардонаву занона тибқи фармоиш ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин коргоҳ барои кӯдакон низ либосҳои зебову шинам истеҳсол менамояд, ки аз лиҳози сифат рақобатпазир буда, мувофиқ ба завқи харидорон аст. Дар ин коргоҳи навбунёди дӯзандагӣ 80 кас соҳиби кори доимӣ ва маоши хуб гардидаанд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки коргоҳи дӯзандагӣ ва маркази хизматрасонии Дурдона дар як шабонарӯз имкон дорад то 100-110 либоси гуногунро истеҳсол намояд.

Дар ин корхона тавлиди навъҳои гуногуни маҳсулот роҳандозӣ шудааст, ки бо бренди миллӣ ва мувофиқ ба талаботи ҷаҳонӣ истеҳсол мегардад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхонаи навтаъсис ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ сифати баланди маҳсулотро таъмин хоҳад кард. Дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолӣ назорати сифат роҳандозӣ шуда, ҳамчунин ба шаклу намуд ва дизайни либос низ диққати хоса дода мешавад. Барои ородиҳии маҳсулоти ниҳоӣ дастгоҳи махсуси чопӣ дар коргоҳ насб гардидааст, ки мувофиқи завқи харидорон дар рӯи либосҳо навиштаҷоти гуногунро чоп мекунад.

Дар маҷмӯъ таҷҳизоти кории корхонаи навтаъсис аз ширкатҳои пешқадам харидорӣ гардида, дар бузургтарин ширкатҳои нассоҷии ҷаҳонӣ истифода мегарданд.

Бо истифода аз имконот дар коргоҳи навтаъсиси Дурдона тамоми марҳилаҳои истеҳсолии либос шурӯъ аз буридани матоъ то ба духтани он роҳандозӣ шудааст.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат бо маҳсулоти ниҳоии Корхонаи дӯзандагии Дурдона шинос шуда, ба сифати маҳсулот ва шаклу дизайни он баҳои баланд доданд.

Ифтитоҳи чунин коргоҳҳои истеҳсолӣ барои амалӣ гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намуда, дар ин баробар имконият фароҳам меоранд, ки соҳаи нассоҷӣ рушд кунад ва марҳила ба марҳила коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ дар дохил роҳандозӣ шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди истеҳсолот ва дастгоҳу таҷҳизоти насбгардида дар корхона баҳои баланд дода, чунин иқдомҳои бунёдкоронаи соҳибкорони ватаниро намунаи ибрату арзандаи дастгирӣ номиданд.

Ба кормандони коргоҳи навтаъсис тавсия дода шуд, ки ба сифати маҳсулот диққати аввалиндараҷа диҳанд, то либосҳои корхона ҳамчун маҳсулоти рақобатпазир харидорони худро пайдо намоянд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАҶМААИ ВАРЗИШИИ БА НОМИ «ЛОЛАХОН ҚАҲҲОРОВ» ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ

**22 октябр дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Восеи вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Заркамари деҳоти Миралиобод бинои Маҷмааи варзишии ба номи Лолахон Қаҳҳоровро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Иншооти нави варзишӣ тибқи нақша-чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ба истиқболи созовор аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Шоҳхисрав Қаҳҳоров бо маблағи умумии 2 миллиону 800 ҳазор сомонӣ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир бунёд гардидааст.

Бинои наву замонавӣ аз ду ошёна ва таххона иборат буда, дорои толорҳои гуногуни варзишӣ мебошад.

Бунёди маҷмааи варзишӣ соли 2020 оғоз гардида, дар рафти корҳои сохтмонӣ 16 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд. Дар маҷмаа завқмандон имкон доранд ба машқу тамрин ва обу тоби бадан бо навтарин таҷҳизот машғул шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди варзиш, ки муаррифгари давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ мебошад, аҳамияти махсус медиҳанд. Маҳз таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои ҳамешагии Роҳбари давлат мебошад, ки варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок намуда, парчами давлатиро баланд мебардоранд.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани маҷмааи муосири варзишӣ 16 мутахассиси соҳаи варзиш бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидааст.

Маҷмааи нави варзишӣ бо зарфияти муосир таъмин буда, дар як вақт барои қабули зиёда аз 80 варзишгар шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Ҳамчунин дар як қисми бинои навбунёд марказҳои хизматрасонӣ, маркази забономӯзӣ ва дигар иншооти ёрирасон пешбинӣ гардидааст.

Гирду атрофи бино бо гулу буттаҳо ва дарахтони ҳамешасабз оро ёфта, роҳравҳои атрофи бино сафолакпӯш ва назди иншоот чароғон гардидааст.

Баъди ифтитоҳ ва шиносоӣ бо шароити иншооти нави соҳаи варзиш, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба соҳибкори ватандӯст Шоҳхисрав Қаҳҳоров барои бунёди чунин иншооти наву замонавӣ изҳори сипос намуданд. Дар баробари ин, масъулинро муваззаф карданд, ки аз имкониятҳои мавҷуда самаранок ва оқилона истифода баранд.

Маврид ба зикр аст, ки Лолахон Қаҳҳоров яке аз шахсони ватандӯст ва ободкори кишвар ба шумор рафта, саҳми ӯ дар рушди соҳаи варзиши кишвар, тарбияи насли наврас ва пешрафти ноҳияи Восеъ хеле назаррас мебошад.

Номбурда 15-уми августи соли 1956 дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон таваллуд шуда, хатмкардаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов мебошад. Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, барандаи чандин мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ ва дорандаи 5 медали тилло мебошад.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАРКАЗИ НАВИ САЛОМАТӢ ДАР ДЕҲАИ КОРЕЗИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

**Дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Корез Маркази нави саломатиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Бинои марказ дуошёна буда, аз 14 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои қабул, иммунизатсия, табобатӣ, доругузаронӣ, барои табибони оилавӣ ва таҳлилгоҳ иборат мебошад.

Бунёди иншоот моҳи феврали соли равон оғоз гардида, дар корҳои сохтмонӣ 20 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шуданд.

Бинои Маркази саломатӣ дар деҳаи Корез аз ҷониби соҳибкорони ҳимматбаланду саховатпеша бо мақсади ҳифзи солимии ҷомеа ва фароҳам овардани шароити беҳтари хизматрасонии тиббӣ ба сокинон сохта шудааст.

Маркази саломатӣ бо таҷҳизоти мухталифи тиббӣ муҷаҳҳаз мебошад ва дар ин иншооти соҳаи тандурустӣ ҳамакунун мутахассисони лаёқатманд ба кор ҷалб гардида, бо шароити кории хуб таъмин карда мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, мутахассисонро ба хизматрасонии мусоири тиббӣ ба аҳолӣ бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳидоят намуданд.

Иншооти соҳаи тандурустӣ туҳфаи арзишманд ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барои сокинони деҳаи Корези ноҳияи Данғара номида шуд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ НАВИ РАЁСАТИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

**23 октябр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Данғара бинои нави Раёсати маорифи ноҳия мавриди истифода қарор дода шуд.**



Бинои бошукӯҳ аз 7 ошёна ва 157 ҳуҷраи корӣ иборат буда, он дар доираи истиқболи сазовор аз ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо тарҳи замонавӣ ва услуби меъмории миллӣ бунёд шудааст.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои мазкур дар масоҳати 0,88 гектар бунёд гардида, дар он шароити арзандаи корӣ фароҳам оварда шудааст.

Бинои нави Раёсати маорифи ноҳияи Данғара дорои ду маҷлисгоҳи барҳаво дар маҷмуъ бо 500 ҷойи нишаст мебошад.

Ҳамзамон дар бино 2 лифти замонавӣ насб гардидааст.

Ин бинои хуштарҳу замонавӣ дорои китобхона ва ошхона бо 140 ҷойи нишаст буда, ҳамчунин ҳуҷраҳои мусоиди корӣ муҷаҳҳаз бо муосиртарин технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ аз бартариятҳои дигари иншоот ба шумор меравад, ки ба ноҳия ҳусни дигар зам кардааст.

Шароити фароҳамгардида дар бинои нав барои 40 корманд имконият медиҳад, ки минбаъд аҳли маориф фаъолияти худро ҷонок намуда, дар рушди соҳа, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва таълиму тарбияи насли худогоҳу ватандӯст саҳми намоён гузоранд.

Атрофи бинои нави Раёсати маорифи ноҳияи Данғара чароғон ва сабзу хуррам гардонида шудааст.

Ҳоло дар ноҳияи Данғара 85 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 53 ҳазору 646 хонанда фаъолият дорад. Соли равон тибқи Квотаи Президентӣ 18 хатмкарда ба мактаби олии кишвар дохил шуданд, ки 9 касашон духтарон мебошанд. Ҳамзамон барои таҳсили солҳои 2025-2026 454 омӯзгор аз курси такмили ихтисос гузаштаанд.

Дар идомаи таҳсили соли 2025 хонандагон дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, соҳиби 171 медал, аз ҷумла 13 медали тилло, 22 медали нуқра ва 136 медали биринҷӣ, гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо иншооти нав ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба аҳли маорифи ноҳия барои боз ҳам баланд бардоштани сифати тадрис, истифодаи васеи технологияҳои муосир, ҷалби ҳарчи бештари хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дастуру тавсияҳо доданд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №1 ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА



**23 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Данғараи ноҳияи Данғара Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои муассисаи таълимӣ, ки аз чор ошёна иборат аст, барои таҳсили 3420 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дар доираи таваҷҷуҳу ғамхориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас бо саҳми соҳибкорони ватандӯст бунёд карда шуд.

Ифтитоҳи иншооти нави соҳаи маориф дар идомаи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барои омӯзгорону хонандагон ва сокинони ин маҳалла сохта ба истифода дода шуд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ба номи Пеш-

*(Идома дар саҳ. 6)*

*(Идома аз саҳ. 5)*

вои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номгузорӣ гардидааст.

Иншоот бо назардошти талаботи соҳа, унсурҳои меъмории миллӣ ва ҷавобгӯ ба зарфиятҳои муосир бо сифати баланд сохта шуда, 57 синфхона ва 24 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳо бо технологияи пешрафта ва воситаҳои муосири илмомӯзӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Кабинетҳои фаннии химия, биология, физика, география, технологияи меҳнат, омодагии ибтидоии ҳарбӣ, инчунин синфхонаҳои технологияи иттилоотӣ ва лингафонӣ мутобиқ ба талабот сохта шуда, ба ташаккули зеҳну тафаккури хонандагон заминаи мусоид хоҳад гузошт.

Вобаста ба талаботи муосир муассиса дорои зиёда аз 46 компютери пайваст бо шабакаи байналмилалии интернет мебошад.

Озмоишгоҳҳои фаннӣ, китобхона бо толори хониш ва синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо асбоби мусиқӣ барои васеъ гардидани ҷаҳонбинии муҳассилин пешбинӣ шудааст.

Сохтмони бинои мактаб соли 2024 оғоз гардида, он дар асоси лоиҳа мутобиқ ба талаботи муосир дар масоҳати 11 ҳазору 870 метри мураббаъ дар муддати кӯтоҳ бунёд карда шуд.

Аснои шиносоӣ бо шароиту имконоти ин муассисаи наву замонавӣ Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, саҳмгузорӣ дар соҳибилм шудани насли наврасро амали шоиста унвон намуданд.

Дар муассисаи мазкур “Осорхонаи Пешвои миллат” таъсис дода шуда, дар он аксҳои 5 давраи зиндагӣ ва ҳаёту фаъолияти Роҳбари давлат гирдоварӣ шудааст. Мавҷуд будани чунин осорхона дар муассиса бевосита ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон ва арҷ гузоштан ба талошҳои пайваста ва шабонарӯзии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумуъ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва миллати сарбаланди тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Толори барҳаво ва муҷаҳҳази варзишӣ, ки дар муассиса сохта шудааст, бевосита ба тарғибу ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҷисман обу тоб ёфтани хонандагон мусоидат мекунад.

Майдончаи варзишӣ аз бартариҳои дигари мактаб дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш унвон мешавад. Фароҳам овардани чунин шароит имконият медиҳад, ки хонандагон вақти холигии худро босамар гузаронда, ба варзиш машғул шаванд.

Муассисаи таълимӣ, ҳамчунин, дорои толори маҷлис бо 400 ҷойи нишаст ва ошхона барои 272 нафар мебошад.

Иншооти нави таълимӣ пурра бо таҷҳизоти махсуси гармидиҳӣ таъмин буда, гармии тамоми муассиса дар давраи сардиҳо таъмин карда мешавад. Иқдоми мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар шароити хуб ба таълим фаро гирифта шаванд.

Атрофи муассиса сабзу хуррам гардонида шуда, дар он дарахтони ороишиву сояафкан ва гулу буттаҳои ороишию рангоранг шинонида шуда, ба ҳусни мактаб зебоии дигар зам намудааст. Ҳамзамон насби чароғҳои гуногун равшании ин маҳалро дар шабонгоҳ таъмин мекунад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бинои ин боргоҳи маърифат аз лиҳози сохтмону меъморӣ ва фарогирии шумораи зиёди хонандагон ба таҳсил дар ноҳия камназир аст.

Бояд зикр кард, ки дар ноҳияи Данғара танҳо давоми як соли охир 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 8 ҳазор ҷои нишаст бо саҳми соҳибкорон бунёд карда шудааст.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи масъулини соҳаро ба истифодаи самарабахш аз имконияти фароҳамшуда, омӯзиши илмҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ ва расидан ба қадри дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ҷалб намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки бунёди муассисаҳои нав, ворид намудани технологияи муосир барои омӯзиш ва дигар тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар ба таъмини имрӯзу фардои босаодати насли наврас равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз хонандагонро ба хониши хубу аъло, илмомӯзӣ, соҳибкасбу забондон ва ворисони шоистаи гузаштагони хеш шудан ҳидоят намуданд.

Дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳраки Данғараи ноҳияи Данғара Осорхонаи Пешвои миллат таъсис дода шудааст. Осорхона бо тарҳи муосир оро ёфта, дар он зиёда аз 100 экспонат аз зиндагию корномаи Пешвои миллат аз овони мактабӣ то давраи давлатдории Сарвари давлат ҳикоят мекунад.

Дар осорхонаи мазкур айёми мактабӣ, солҳои донишҷӯӣ, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, раҳбарӣ дар хоҷагӣ ва даврони роҳбарии давлати Тоҷикистон бо расму мусаввараҳо оро дода шудааст.

Ҳадаф аз таъсиси осорхона пеш аз ҳама тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва дар сатҳи хуб муаррифӣ намудани воқеияти зиндагию корнома ва ҷонбозию фидокориҳои Пешвои миллат ба насли наврас мебошад.

Осорхона дорои мудирият аст, ки метавонад ба хонандагону меҳмонон оид ба аҳамияти осорхона маълумоти дақиқ диҳад.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РАҚАМИ 90 ДАР ДЕҲОТИ КОРЕЗИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари кории худ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар деҳаи Рахшонзамини деҳоти Корез Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 90-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд, ки барои 2160 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.**

Мактаби замонавии бошукӯҳ дуошёна буда, аз ҷониби оилаи Бобозодаҳо ва бо саҳми дигар соҳибкорони меҳандӯсти деҳаи Рахшонзамин бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбияи насли наврас бунёд ёфтааст.

Муассисаи таълимӣ корҳои сохтмонии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 90 дар деҳаи Рахшонзамин бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 оғоз гардида, дар муддати камтар аз як сол ва қабл аз муҳлати муқарраршуда бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Муассисаи замонавии таълимӣ аз 36 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла барои фанҳои химия, физика, математика, омӯзиши компютер, технологияи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, ҳамчунин аз китобхонаву толори барҳавои хониш, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандони муассиса ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Дар озмоишгоҳҳои мактаб асбобу айёниятҳои дарсӣ мавҷуд аст, ки хонандагон барои дар амал гузаронидани таҷрибаҳои гуногун аз онҳо босамар истифода мебаранд.

Дар синфхонаи барҳавои компютерӣ, ки бо дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз аст, хонандагон имкон доранд, аз нозукиҳои кор бо технологияи иттилоотӣ бохабар гарданд.

Бахри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва соҳибкасб гардонидани хонандагон асбобҳои дуредгарӣ, кандакорӣ, мошинаҳои дӯзандагӣ ва дигар шароити муосир фароҳам оварда шудааст. Духтарон баробари омӯхтани либосдӯзӣ, ҳамзамон бо роҳнамоии омӯзгорон метавонанд бо нозукиҳои касбу ҳунарҳои дигар низ бохабар шаванд.

Барои тарғибу ташвиқи бештари варзиш ва ба ин восита ташаккул додани тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимии навбунёд толори барҳавои варзишӣ барои бозиҳои футболу волейбол ва 2 майдончаи варзишии дигар дар саҳни бино сохта шудааст.

Бо мақсади ташкил ва баргузор кардани ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ дар таълимгоҳ толори барҳавои маҷлисӣ бо 160 ҷойи нишаст мавҷуд аст.

Маҷлисгоҳ бо мизу курсии босифат ва дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз буда, бо санъати миллии меъморӣ оро ёфтааст.

Дар ошёнаи якуми бинои муассиса ошхона мавҷуд аст, ки дорои 60 ҷойи нишаст мебошад.

Дар мактаб барои таълиму тарбияи хонандагон 52 омӯзгори соҳибтахассус кору фаъолият менамоянд.

Мактаб дорои таҷҳизоти гармидиҳӣ мебошад, ки тариқи он синфхонаҳо дар фасли зимистон гарм нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳадаф аз бунёд ва ба истифода додани муассисаи нави таълимӣ дар ноҳияи Данғара идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин восита беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат дар руҳияи илмомӯзӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Атрофи бинои нави муассисаи таълимӣ сабзу хуррам буда, дарахтони сояафкан ва гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст, ки барои ташаккули ҳисси зебоипарастии хонандагон мусоидат менамояд. Суҳбаткадаҳои саҳни бино бошад, бо тарҳи ҷолиб омода шуда, намои зоҳирии муассисаи таълимиро боз ҳам диданӣ намудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёшуда дар иншооти таълимии навбунёд ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба омӯзгорон барои истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда ва тарбияи ҷавонони босаводу лаёқатманд дастуру ҳидоятҳо доданд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МАЙДОНИ ВАРЗИШИИ БОЛОПӮШИДА ДАР ДЕҲАИ ҒАРҒАРАИ ДЕҲОТИ КОРЕЗИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА



**Майдони варзишии болопӯшида дар деҳаи Ғарғараи деҳоти Корези ноҳияи Данғара сеюмин иншооти аз ҷониби соҳибкор Ҷомии Абдураҳмон сохта шудааст, ки дар ҳамин рӯз бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфт.**

Иншоот барои баргузории бозии футбол пешбинӣ шуда, рамзи таваҷҷуҳ ба рушди ин навъи варзиш ва сарафрозии соҳибкорон аз ташаббус ва пешниҳоди Раиси Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ вобаста ба эълони рӯзи ҷаҳонии футбол аст, ки соли 2024 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид.

Майдони варзишии болопӯшида дар масоҳати 20 садяк замини бекорхобида бо паҳноии 22 метр ва дарозии 42 метр бунёд шудааст.

Иншоот бо ҷалби 40 сокини маҳаллӣ ҷавобгӯи талабот сохта шуда, ҳамчун макони баргузории бозиҳои дӯстона ва муттаҳидкунандаи ҷавонон хизмат менамояд.

Тарҳи майдони варзишӣ имкон медиҳад, ки бозиҳои футбол новобаста ба фасли сол ташкил ва баргузор шавад.

Дар шафати иншоот барои бозии волейбол ва дигар машқу тамрин шароит фароҳам оварда шудааст.

Ҳуҷраҳои ивазкунии либос, ҳаммом ва дигар инфрасохтори мавҷуд таваҷҷуҳи ҷавононро ба намудҳои гуногуни варзиш бештар намуда, ба ташаккули тарзи ҳаёти солим нақш мегузорад.

Ҳудуди майдони варзишии болопӯшидаро гулҳои рангин, буттаҳо ва дарахтони ороишву ҳамешасабз зиннат медиҳанд.

Сокинон имкон доранд, ки аз рақобати дастаҳои футбол ва гулгашти ҳудуди он хушу бароҳат тамошо намоянд. Барои ин дар паҳлӯи майдони варзишӣ нишастгоҳҳо насб карда шудааст.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ КИТОБХОНА ДАР ДЕҲАИ ҒАРҒАРАИ ДЕҲОТИ КОРЕЗИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА



**Китобхонаи бо тарҳу намои муосир сохташуда аввалин иншооте буд, ки 23 октябр Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ғарғара ба фаъолияти он оғоз бахшиданд.**

Иншоот бо ҳадафи тақвияти дониш ва иттилооти аҳолии деҳот, омӯзиши илмҳои замонӣ муосир ва омодагии довталабон ба сабқатҳои зеҳнӣ аз ҷониби соҳибкор Ҷомии Абдураҳмон сохта шудааст.

Дар китобхона 10 ҳазор адабиёти гуногун мавҷуд аст.

Ҳамкорӣ ва пайваст будан бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон, китобхонаи фарҳанг, китобхонаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигар марказҳои илму дониш хазинаи адабиёти электронии китобхонаро ба зиёда аз як миллион баробар мекунад.

Фароҳам будани ин шароит имкон медиҳад, ки хоҳишмандон ба асарҳои сиёсӣ, бадеӣ ва илмии бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳон дастрасӣ дошта бошанд.

Омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷӣ аз масъалаҳои зери таваҷҷуҳи доимии Роҳбари давлат аст. Дар китобхона маркази забономӯзӣ низ кушода шуд, ки бо 18 компютери пайваст бо хатти интернет ва дигар аёниятҳои хониш муҷаҳҳаз мебошад.

Дар се синфхонаи барои 36 нафар пешбинишуда шароити муосири омӯзиши забон ва фанҳои дақиқ муҳайё карда шудааст.

Омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, чинӣ, олмонӣ ва илмҳои дақиқ бо ҷалби омӯзгорони дорои дониш ва таҷрибаи баланди касбӣ гузаронида мешавад.

Панҷ ҳуҷраи муҷаҳҳаз бо муҳимтарин лавозимоти рӯзгор барои истироҳат ва будубоши омӯзгорон пешбинӣ шудааст.

Дар китобхона ва маркази омӯзиши забонҳо 12 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ЧОР ГАРМХОНАИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ ВОСЕЪ ДАР ДЕҲОТИ ПУШИНГИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА



**24 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Данғара чор гармхонаи наву муосири хоҷагии деҳқонии Восеъро, ки дар деҳоти Пушинг ҷойгир аст, мавриди истифода қарор доданд.**

Ин гармхонаҳо бо иқдоми соҳибкорони маҳаллӣ, оилаи Холматовҳо бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сохта шуда, барои парвариши помидор, бодиринг ва лимӯ пешбинӣ гардидаанд.

Масоҳати умумии гармхонаҳо 10 садяк заминро ташкил дода, дар он тамоми инфрасохтори зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва ҷамъоварии маҳсулот фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷо зиёда аз 10 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори

*(Идома дар саҳ. 8)*

*(Идома аз саҳ. 7)*

доимӣ таъмин гардиданд. Дар ҳар як гармхона шароити мусоид барои нашъунамои зироатҳо фароҳам оварда шудааст. Системаи обёрии қатрагӣ ва таҷҳизоти идоракунии ҳарорат имконият медиҳад, ки дар як сол ду маротиба ҳосил ба даст оварда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносоӣ бо раванди кор дар гармхонаҳо таъкид намуданд, ки татбиқи чунин лоиҳаҳои кишоварзӣ барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза ва боло бурдани иқтидори содиротии кишвар аҳамияти калидӣ доранд.

Дар атрофи гармхонаҳо корҳои ободонӣ анҷом дода шуда, гулу буттаҳои ороишӣ ва дарахтони мевадиҳанда шинонида шудаанд, ки ба ҳусни зоҳирии ин мавзеъ зебоӣ мебахшанд.

Баробари ба роҳ мондани таъминоти об дар деҳоти Пушинг, заминҳои бекорхобида дубора ба гардиши кишоварзӣ ворид гардиданд. Ин иқдом имкон дод, ки кишоварзон бо рӯҳияи баланди меҳнатӣ ба парвариши маҳсулоти гуногуни сабзавот машғул шаванд. Ҳамзамон, бо дастгирии соҳибкорони ҳимматбаланд ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ шумораи гармхонаҳои муосир рӯз аз рӯз меафзояд.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намошгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ дидан намуданд. Дар намоиш намунаҳои беҳтарини маҳсулоти худӣ, аз ҷумла сабзавоту меваҷот, зироатҳои ғалладона ва маҳсулоти ҳамин гармхона пешниҳод шуданд.

Сарвари давлат ба натиҷаи заҳмати кишоварзони хоҷагии деҳқонии Восеъ баҳои баланд дода, фаъолияти онҳоро дар рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми арзанда номиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми боздид ба масъулин дастур доданд, ки бо истифодаи самараноки имкониятҳо ҳаҷми истеҳсоли ватаниро афзоиш дода, барои рушди устувори соҳа ба хусус дар шароити гармхона иқдомҳои нав андешанд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ҚАСРИ ФАРҲАНГ ДАР ДЕҲАИ ПУШИНГИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

**24 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғара дар кӯчаи Марказии деҳаи Пушинг бинои нави Қасри фарҳангро ифтитоҳ намуданд.**



Иншооти навбунёд дар масоҳати умумии 1 ҳазору 950 метри мураббаъ бунёд ёфтааст.

Қасри фарҳанги муосир дорои як толори калон бо 500 ҷойи нишаст, китобхона ва ҳуҷраҳои машқу тамрин буда, дар он шароити зарурии корӣ барои маъмурият ва аҳли фарҳанг фароҳам оварда шудааст. Иншооти мазкур ҷавобгӯ ба талаботи сатҳи муосир сохта шудааст.

Сақфу дару деворҳои Қасри фарҳанг ва толори барҳавои он бо тарҳи замонавӣ, эҳёи ҳунару анъанаҳои волои миллати тоҷик, санъати баланди меъморӣ, аз ҷумла бо гаҷкорию кандакорӣ ва чароғҳои рангаву қандилҳои зебо оро ёфтааст.

Иншооти муосири фарҳангӣ бо имкониятҳои мусоид барои тарбияи истеъдодҳои ҷавон дар соҳаи санъату фарҳанг ва ҳунарҳои миллӣ, ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбӣ, тақвият ва рушди қобилияти ҷавонон аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст ва ҷавонмардони асилу бунёдкор дар ин гӯшаи зебоманзари диёр бунёд гардидааст.

Толори асосие, ки дар ошёнаи якуми бино ҷойгир аст, дорои 500 ҷойи нишаст буда, барои баргузории ҷашну чорабиниҳои гуногуни маърифатию фарҳангӣ бо тамоми шароиту имконоти муосир муҷаҳҳаз шудааст.

Сохтмони иншооти мазкур бо ҷалби бунёдкорони маҳаллӣ моҳи ноябри соли 2024 оғоз гардида, дар муҳлати кӯтоҳ бо сифати баланд ба анҷом расонида шудааст. Баробари ба истифода додани ин иншооти муосири фарҳангӣ 50 мутахассиси соҳаи фарҳанг соҳиби кор гардиданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёгардида Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати онҳо баҳои баланд дода, ифтитоҳи чунин иншооти муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳониро ба истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон иқдоми шоиста ва намунаи ибрат арзёбӣ намуданд.

Қасри фарҳанг бо инфрасохтори зарурӣ таъмин буда, барои аҳли фарҳанг ва сокинони ин гӯшаи зебоманзари диёр дастоварди намоёни фарҳангӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дониста мешавад.

Аҳли фарҳанг ва сокинони деҳаи зебоманзари Пушинг ин тӯҳфаи арзишманди навбатии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо хушнудӣ ва арзи эҳтирому миннатдорӣ пазируфтанд.

Дар паҳлуи Қасри фарҳанг бо мақсади зебову назаррабо гардонидани атрофи он дар майдони 800 метри мураббаъ гулгашти фарҳангию фароғатӣ бо ниҳолҳои нодиру ҳамешасабз ва гулҳои рангоранги мавсимӣ бунёд шудааст, ки дар ҳудуди он шаршара бо баландии шаш метр насб гардидааст, ки сокинон ва меҳмонони деҳаи Пушинг метавонанд ба таври шабонарӯзӣ дар он истироҳату фароғат намоянд.

Бинои Қасри фарҳанг дар як мавзеи зебои деҳаи Пушинг бунёд ёфта, бо шабакаи алоҳидаи гармидиҳӣ ва салқинкунӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Зимни суҳбати самимӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунару истеъдоди кормандони фарҳанги деҳаи Пушинг баҳои баланд дода, барои интихоб ва таълиму тарбияи кадрҳои ҷавону оянддори соҳаи фарҳанг ва саҳм гузоштан дар рушди фарҳанги кишвар ба масъулин дастуру тавсияҳо доданд.

**www.prezident.tj**

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба мухтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, биноӣ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

